**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА–004 назди Донишгохи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ, пешниҳод шудааст.**

Мавзуи диссертатсионии Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ» тадқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки нақши худро дар илми иқтисод мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот инъикос гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Раванди рушди пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити иқтисодиёти гузариш ва дар рафти инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ бо дигаргуниҳои мураккабе, ки аз лиҳози моликияти хусусӣ, рушди корхонаҳо ва минтақаҳо, алалхусус рушди иқтисодиёти кишвар ба вуҷуд омадааст, вобаста аст. Ҳамзамон баланд бардоштани суръати афзоиши иқтисодиётро аз ҳисоби пешрафти илмӣ-техникӣ таъмин намудан мумкин аст. Маҳз пешрафти илмӣ-техникӣ дар айни замон омили муҳимтарини рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Ҳамин нуқтаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо намояндагони илм ва маорифи кишвар таъкид карданд, ки «дар шароити муосир, ки бо рақобат ва мухолифатҳои рӯзафзун тавсиф меёбад, танҳо он давлатҳо метавонанд мавқеи худро ҳифз намуда, ба пешрафт ноил шаванд, ки дорои миллати босаводу огоҳ, низоми инноватсионии рушдёфта ва олимону ихтирокорони донишманд мебошанд». Дар чунин шароити рақобат, пешрафти илмӣ-техникӣ метавонад барои бартараф кардани муаммоҳои кунунии иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ-техникӣ мусоидат намояд. Зеро ҷорӣ намудани навоварӣ сатҳи рушди иқтисодии кишварро, махсусан дар шароити низоми муосири иқтисодӣ муайян мекунад.

**Мақсади таҳқиқот** Мақсади асосии таҳқиқот аз таҳлили заминаҳои назариявии рушди илмию техникӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат буда, муайян намудани омилҳои таъсиррасон, интихоб ва асосноксозии самтҳои афзалиятнок, инчунин таҳияи роҳҳои татбиқи механизми иқтисодии дастгирии давлатӣ ҷиҳати рушди илмию техникӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистонро дар бар мегирад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои дар диссертатсия нишондодашуда, мо иҷрои чунин вазифаҳоро муҳим меҳисобем.

- омӯзиши моҳияти асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ, инчунин муайн намудани он;
- таҳқиқи ҷараёни методологии пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ;
- таҳқиқи вазъи имрӯзаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили нишондиҳандаҳои заминавии прогресси илмӣ-техникӣбо ҷараёни инноватсионӣ ва арзёбии он;
- муайян намудани омилҳои иқтисодии монеашаванда дар самти пешрафти илмӣ-техникӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он;
- муайян намудани роҳҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва интихоби самтҳои стратегии он бо мақсади такмили муносибатҳои иқтисодӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ.

**Объекти** пешрафти илмӣ-техникӣ ва равандҳои он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Мавзуи таҳқиқоти дессертатсионӣ -** муносибатҳои иқтисодӣ марбут ба пешрафти илмӣ–техникӣ бо мақсади таъмини рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Фарзияи таҳқиқоти дессертатсионӣ** Татбиқи афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, андешидани тадбирҳои дахлдорро дар самти беҳтар намудани пешрафти илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд. Чункӣ айни ҳол омӯзиши асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, муаян намудани методология, икнон медиҳад, ки вазъи имрӯзаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу арзёбӣ, омилҳои меонашаванда ошкор ва смтҳои пешрафти илмӣ-техникӣ дуруст интихоб карда шуда, роҳҳои пешниҳод намуда дар татбиқи механизми иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатӣ оид ба рушд ва пешрафти илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Методҳои таҳқиқот.** Бо мақсади ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва таҳияи таклифҳои асоснок дар диссертатсия аз усулҳои индуксия ва дедуксия, таҳлилҳои синтезию оморӣ ва иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқотро** Асосҳои методологии диссертатсияро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парки технологӣ», Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Конуни Ҷумҳурии «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва

илмиву техникӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба масъалаҳои пешрафти илмӣ-техникӣ бахшида шуданд, фаро мегирад. Барои амалигардонии мақсаду вазифаҳои гузошташуда, усулҳои иқтисодию оморӣ, монографӣ, абстрактию мантиқӣ, муқоисавӣ, рейтингӣ, гурӯҳбандии ҳисоби конструктивӣ ва ғайра дар кори диссертатсионӣ истифода карда шудаанд.

**Сарчашмаи маълумотҳоро** ҳисоботҳои солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, қарорҳо ва дигар фармоишҳои созмонҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ ташкил медиҳанд.

**Давра ва пойгоҳи таҳқиқот**. Кори илмӣ – таҳқиқотӣ дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2025 иҷро гардидааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои муҳиме, ки навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси онҳо ташаккул меёбад, аз инҳо иборатанд:

- асоснок карда шудааст, ки пешрафти илмӣ-техникӣ раванди пай дар пайи ба вуҷуд омадани идеяҳо ва кашфиёти илмию техникӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, фарсуда шудани техника ва зарурати иваз намудани он бо таҷҳизоти муосири сермаҳсул дар низоми муносибатҳои истеҳсолӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои баланди иқтисодӣ, ки дар охир ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият таъсир расонида метавонад пешрафти илмӣ-техникиро дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян намояд.
- тадқиқоти прагресси илмӣ-техникӣ ҳамчун мафҳуми илмӣ-техникии иқтисодӣ вобаста аз маҷмӯи омилҳо, ки он метавонад ду шакли прогресси илмӣ техникиро дар бар гирад, методологияи омӯзиши он ба ҳамин роҳҳо, яъне эвалютсионӣ-табиӣ ва ревалютсионӣ-инқилобӣ омӯхта шуда, истифодаи он боиси натиҷаи мусбӣ ва такмилдиҳии ҳама ҷараёнҳои муносибатҳои истеҳсолӣ мегардад.
- ҳолати муосири ҷараёнӣ ва пешрафти илму техникаро дар низоми муносибатҳои бозорӣ ва дигар сохторҳои ҷамъиятӣ бе сатҳи зарурии маблағгузорӣ тасаввур кардан мумкин нест, чунки ягона муҳаррик, ки ҷараёнро пешрафт мебахшад ин ба ғайр аз маблағгузории мақсаднок боз маблағҳои ҷамъшаванда аз ҳар гуна сарчашмаҳои хусусӣ ва сармоягузории иттиҳодиявӣ мебошад. Ин ҷараён иборат аз ғояҳои наовваранда буда, натиҷаи он ба тиҷорат дорои аҳамияти беандоза ва таъсири мусбӣ ба ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат расонида метавонад.
- таҳлилҳо нишон доданд, ки дар давраи омӯзиши ҷараёнҳои амалисозӣ, махсусан заминаҳои илмии мусоидаткунанда ба прогреси илмӣ-техникиро, ки иҷрои корҳои илмӣ заминаи асосии он мебошанд, дар давоми солҳои 2018-2023 дар ҷумҳурӣ тамоюли коҳишшавандагӣ доранд. Ин раванд дар давраи таҳлилӣ дар баъзе аз минтақаҳои мамлакат аз ҷумла дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва НТҶ дида мешавад, яъне аз маҷмӯи муассисаҳое, ки дар

соли 2018 ҳамагӣ 82 адад буданд, дар соли 2023 то ба 80 адад расиданд. Ин ҷо натиҷаи мусбии ба ҳолати муосир таъсиррасонанда ва прогресси илмӣ-техникӣ, ки ба маҳсули худ, ки ҷараёни инноватсионӣ мебошад натиҷабахшанда мешавад. Пешрафти илмӣ-техникиро бо нишондодҳои рушди илмӣ-техникӣ бо истифода аз соҳаҳои таркиб, он муассисаҳои олии таҳсилоти касбӣ арзёбӣ намудан лозим аст, ки он тамоили рушд ва ғояҳои нави арзишнокро таъмин карда истодааст.

- муайян карда шуд, ки дар пешрафти илмӣ-техникӣ баъзе аз мушкилотҳо ҷой доранд. Ба мисли норасоии маблағҳо дар молиякунонии ин раванд, яъне аз таъминоти моддиву техникӣ дар соҳаи илм ибтидо ёфта, то ба пайвастагии зичи алоқаманд ба раванди истеҳсолот дорад. Агарислоҳи ин раванд мусбӣ таъмин карда шавад, пас раванди тиҷратикунонии натиҷаи он рушд карда, ғояҳои ба даст овардашударо мумкин аст дар ду сатҳ, яъне дар сатҳи эндогенӣ ва экзогенӣ дар ҷараёни муносибатҳои истеҳсолӣ истифода кард.
- новобаста аз характер ҳама самтҳои прогресси илмӣ-техникӣ ба мамлакати мо ва дигар давлатҳо метавонад воситаи афзалиятнок дошта бошад. Ин ҷо дар заминаи омӯзиши коэффесентҳои гуногун самтҳои асосии рушди пешрафти илмӣ-техникӣ муайян карда шудааст, ки он аз ҷанбаи умумӣ ва афзалиятнок иборат буда, инчунин аз чор унсури ба ҳам алоқаманди якдигарро пуркунанда, ки се самти вобастаи низомсозандаро бо зерсохтори он дар бар мегирад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмии иқтисодии ватанию хориҷӣ, таърифи нави пешрафти илмӣ-техникӣ пешниҳод, инчунин методологияи арзёбии самаранокии иқтисодиии пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муайян гардидаанд;
- вазъи имрузаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти миллии мамлакат дар асоси истифодаи усулҳои таҳлили омории динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоиву иқтисодӣ арзёбӣ шуда, намуди вобастагии рушди иқтисодиёт аз пешрафти илми- техникиро дар низоми иқтисоди бозорӣ бо заминаи сарчашмаҳои он пешниҳод карда шуданд;
- омилҳои иқтисодии монеашаванда дар самти пешрафти илмӣ-техникӣ ошкор гардида, роҳҳои ҳалли ин муаммоҳо дар амал омӯхта шуда, ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии он дар чорчӯбаи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, ки дарбаргирандаи чунин равандҳост, инчунин мушкилотҳои ҷойдошта ва ҷараёни бартарафсозии он дар низоми иқтисоди миллӣ, ки ҳамчун индикатори тақвият бахшидани соҳа ва ба таъмини рушди он мусоидат

мекунад, пешниҳод карда гардидааст.

- самтҳои умумии пешрафти илмӣ-техникӣ муайян карда шуда, самтҳои афзалиятноки пешрафти илмӣ-техникии инноватсионӣ барои рушди иқтисодиёти мамлакат, ки онро дар асоси ташкили зерсохтори ҷойдошта, ки он мусоидат ба пешрафти илмӣ-техникӣ менамояд ва барои татбиқи бештар зарурат ба механизми иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатӣ оид ба рушд ва пешрафти илмӣ-техникӣ дорад, амалӣ карда мешавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии тањқиқотро корњои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба масъалањои пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ бахшида шудаанд ташкил доданд. Аҳамияти амалии таҳқиқот иборат аз он аст, ки натиҷа ва хулосаҳо, аввалан, метавонанд ба мақсади татбиқи механизми иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатӣ оид ба рушд ва пешрафти илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъдан ба мақсади такмили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар курсҳои зерин ба монанди: «Назарияи иқтисодӣ», «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Соҳибкории инноватсионӣ» истифода гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз ба ҳам пайвасти усулҳои исботгардидаи илмӣ-назариявие иборат мебошанд, ки дар раванди таҳқиқот истифода шуда, аниқии иттилоот, таҳлили илмӣ-оморӣ, назариявӣ, эконометрӣ ва дақиқии натоиҷи коркард ва интишорот, инчунин кифоягии ҳаҷми иттилооти таҳлилгардида тасдиқ мегардад. Хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои диссертант дар асоси омӯзиши комёбиҳои навтарини илми иқтисод ва гирифтани натоиҷи хусусиятҳои назаривӣ ва амалидошта пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600–Иқтисодиёт (6D050601-Назарияи иқтисодӣ) банди III. 1.1. «Таъсири тарзҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо»; «омилҳои инноватсионии дигаргуншавии иҷтимоию иқтисодӣ»; 1.3. «Ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои равандҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва вижагиҳои рафтори он» мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳаммаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

Мутобиқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050601 –Назарияи иқтисодӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- **Ҳамидова Сарвиноз Ҳамрабоевна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- **Муртазозода Ораз** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ба ҳайси муассисаи пешбар ба диссертатсия **Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Умаров Х.

**Аъзоёни комиссия:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шерова Н.Д.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҳакимова М.Ф.

19.12.2025